**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

Рисолаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро дар шароити имрӯза омӯзишро бе воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар муассисаҳои таълимӣ воситаи муҳим барои ҳамгирой бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, барои рушди ҷаҳонбинӣ ва имконияти дастрасӣ ба маълумотҳои муосир хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, масъалаи истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионии таълимии хонандагон ба сифати яке аз ҳадафҳои асосии системаи маориф баррасӣ гардида, аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулосаву феҳристи адабиёт, аз 4 расм, 23 ҷадвал, 15 диаграмма ва замимаҳоро фарогир буда, инчунин 207 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима дар хусуси мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмети) таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот маводи асосии маълумот дарҷ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи самаранокии воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон» муаллиф ба пажуҳиши масоили назариявии мавзуъ рӯ оварда, нахуст фикру андешаҳояшро роҷеъ ба масъалаи истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим вобаста ба истифодаи маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шуда баён намудааст. Ҳангоми ошноӣ бо матни рисола маълум гардид, ки омӯзиши масоили назариявии мавзуъ пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Боби дуюми диссертатсия - «Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ» номгузорӣ шудааст. Ташкил ва татбиқи барномаҳое, ки ба меъёри низоми таҳсилот бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ҷавобгӯ буда, дар омодагии

хонандагон нақши муҳимро мебозанд. Дар таҳияи барномаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи аввалиндараҷа ин ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълим мебошад, ки омӯзгорон барои истифодаи самараноки технология дар раванди таълим ва таҳия ва мутобиқсозии маводҳои таълимии рақамӣ омӯзонида шаванд. Истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ боиси натиҷабахш гардидани раванди дарс мегардад.

Боби сеюми диссертатсия «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» номгузорӣ шудааст, ки муҳаққиқ роҳу усулҳои гуногуни дидактикиро бо истифода аз васоитҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ натиҷаи самараноки онро дар раванди таълими хонандагон нишон додааст. Муҳаққиқ дар доираи васеъ усулҳои фаъоли таълимро ба гурӯҳҳо тасниф намуда, роҳҳои корбасти онро тавассути технологияҳои инноватсионӣ дар шароитҳои гуногуни дидактикӣ таҳқиқу баррасӣ намудааст. Бинобар ин, муҳаққиқ технологияи инноватсионии таълимро боиси баланд бардоштани сифати таълим, рушди тафаккури эҷодӣ ва интиқодӣ, фаъол гардонидани хонандагон дар раванди дарс, истифодаи самараноки усулҳои интерактивӣ (презинтатсия, тестҳои электронӣ, платформаҳои онлайнӣ), инчунин омодасозии хонандагон ба ҷомеаи рақамӣ ва он як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар кор нишон додааст. Озмоишҳои таҳқиқшаванда натиҷаи масоили мазкурро, ки истифодаи самаранокии васоитҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсиониро дар раванди таълим муайян мекунад.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро пурра бозгӯ менамоянд.

Хулоса, рисола ва фишурдаи пешниҳодшудаи Шарифзода Файзигул Шариф аз лиҳози илмӣ ва амалӣ дорои аҳаммияти назаррас мебошад. Муаллиф масъалаи муҳимро дуруст интихоб намуда, онро ҳамаҷониба таҳқиқ ва асоснок намудааст. Вазифаҳои дар назди диссертатсия гузошташуда ҳаллу фасл ёфтаанд ва дар ин замина фарзияи таҳқиқот низ тасдиқи худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, автореферати Шарифзода Файзигул Шариф зери унвони «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024 №493 тасдиқ шудаст, барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогикаи МДТ-и
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Холмуродов Ф.Р.

*Имзои Ф.Р. Холмуродовро тасдиқ мекунам:*
Сардори ШК ва КМ-и МДТ-и
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.

***Суроға:*** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
**Тел:** +(992)3233-25481. Моб. + (992) 908 22 22 34;
**E-mail:** faridun.kholmurodov@mail.ru.

12.06.2026 с.